international alert

# Ҳисоботи тадқиқот оид ба ҳамбастагии имкониятҳои маҳдуди одамон ва хушунати ҷинсӣ алайҳи занон ва духтарон дар Тоҷикистон

## Хулосаи иҷроӣ



Funded by:

SWEDEN

Peace is within our power

## Дар бораи International Alert (Интернэшнл Алерт)

International Alert бахри баркарор намудани сулхи пойдор, бо одамоне, ки бевосита аз низоъ зарар дидаанд, фаъолият  ва ҳамкорӣ менамояд. Мо итминон дорем, ки сулҳ қудрати мост. Мо диққати худро ба ҳалли сабабҳо ва решаҳои низоъ равона месозем ва одамонро ба ҳам меоварем. Тавассути фаъолиятҳо дар сатҳи поёнӣ, то сатҳи таҳияи сиёсат,  мо ҳамарӯза барои нигоҳ доштани сулҳ кӯшиш менамоем. Барои мо сулҳ маънои онро дорад, ки  ҷамоаҳо дар якҷоягӣ зиндагӣ кунанд ва ихтилофҳои худро бидуни зӯроварӣ ҳаллу фасл намоянд. Аз ин рӯ, мо итминон дорем, ки ҳамаи мо дар сохтани ояндаи осоишта нақши муҳим мебозем.

**www.international-alert.org**

**© International Alert 2020**
All rights reserved. No part of this publication may be reproduced, stored in a retrieval system or transmitted in any form or by any means, electronic, mechanical, photocopying, recording or otherwise, without full attribution.
Layout: D.R. ink
Front cover image: © What Works to Prevent Violence Against Women and Girls Global Programme

# Ҳисоботи тадқиқот оид ба ҳамбастагии имкониятҳои маҳдуди одамон ва хушунати ҷинсӣ алайҳи занон ва духтарон дар Тоҷикистон

## Хулосаи иҷроӣ

**Субҳия Мастоншоева**

**Феврал 2020**

# Муқаддима

Мувофиқи таҳқиқоти созмони байналмиллалии “International Alert” зиед аз 60% занони оиладор аз синни 15-49 сола, ки шомили барномаи “ Зиндагии Шоиста” буданд,  намудхои гуногуни зуроварӣ ба монанди хушунати ҷисмонӣ, шаҳвонӣ ва рӯҳиро аз сар гузаронидаанд. Мувофики омори расмӣ, дар сатҳи Ҷумҳури  ин нишондод ба 31% мерасад ваторафт зиед шуда истодааст. Ин нишондод дар 5 соли охир, аз соли 2012 то инҷониб 7 % зиёд шудааст.[1]

Дар ин замина, осебпазирии занони дорои имкониятҳои маҳдуд ва модарони кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд дар Тоҷикистон ба таври назаррас меафзояд, ин маънои онро дорад ки онҳо аз парасторон вобастагӣ доранд.

Ҳисоботи мазкур натиҷаҳои асосии таҳқиқотро, ки аз ҷониби созмони байналмиллалии “International Alert” ва бо дастгирии Оҷонсии Шветсия оид ба Ҳамкории Байналмилалии Рушд таъин шудааст, ҷамъбаст менамояд. Таҳқиқот ҳамбастагии имкониятҳои маҳдуди одамон ва хушунати ҷинсӣ алайҳи занон вобаста ба имкониятҳои маҳдуди онҳо ва оқибатҳои онро дар ҳаёти занони Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Доғдоркунии мавҷуда ва қобилият бо шаклҳои гуногуни имкониятҳои маҳдуд (ба монандӣ беморӣ, ноҳинҷорӣ, нотавонӣ, ҷазодиҳӣ) марбут ҳаст, ки ин ҳаёти занону духтарони дорои имкониятҳои маҳдуд ва модарони кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдудро дар Тоҷикистон боз ҳам бадтар мекунад. Занони дорои имкониятҳои маҳдуд бар он назаранд, ки аз ӯҳдаи иҷрои нақшҳои гендерии худ набаромада, барои шавҳаронашон қобили таваҷҷӯҳ нестанд.

Иштирокчиён гузориш доданд, ки сатҳи пасти маълумот, шуғли ғайрирасмӣ ё бекорӣ ва нуқсонҳои ҷисмонӣ ҳаракати шахсро маҳдуд мекунанд. Модарони кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд бо сабаби мушкилоти ҳаракат, ки аз шавҳар ва хешовандони ӯ вобастагии молиявӣ доранд ба таҳқир, ҷудоӣ ва танҳоӣ дучор мешаванд.

Онҳо ба табъизи имконияти маҳдуд ва доғдоркунӣ дучор меоянд. Имкониятҳои маҳдуд таҳқир нисбат ба занони шавҳардорро зиёд мекунад ва эҳтимолияти ҷудошавӣ ё партофтани онҳо аз тарафи шавҳаронашон ба таври назаррас зиёд мекунад. Ин амал занҳоро маҷбур мекунад, ки ё зӯровариро таҳаммул намоянд ё зани дуввум шаванд, то ки худ ва фарзандонашонро аз ҷиҳати молиявӣ таъмин намоянд.

Таҳқиқот дар се шаҳри Тоҷикистон, аз ҷумла шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Хоруғ гузаронида шуд. Иштироккунандагон, занҳо ва мардҳои дорои имкониятҳои маҳдуд ҳастанд ва ё волидайни фарзандони дорои имкониятҳои маҳдуд мебошанд. Маълумот барои таҳқиқот тавассути 12 муҳокимаи гурӯҳҳои махсус (чаҳор гурӯҳ дар ҳар як мавзеъ) аз рӯи синну сол ва ҷинс, бо мардон ва занони дорои имкониятҳои маҳдуд ё волидайни кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ҷамъ карда шуд. Инчунин 30 мусоҳибаи такрорӣ бо занон ва мардони дорои имкониятҳои маҳдуд дар байни гурӯҳҳои синну соли гуногун гузаронида шуд.

Созмони байналмилалии "Alert" бо ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ[2] барои муайянсозӣ ва даъват намудани посухдиҳандагон ба мусоҳиба хамкори кард. Мутобиқи меъёрҳои интихоб ашхосе шомили таҳқиқот шудаанд, ки синнашон ба 18-сола расида ҳаст ва ё ба якчанд меъёре ки дар *Ҷадвали баҳодиҳии одамони дорои имкониятҳои маҳдуди*[3] Ташкилоти умуҷаҳонии тандурустӣ номбар шудаанд мувофиқат мекунад, ё кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдудро ки дар ҷадвал тасниф шудааст, парасторӣ мекунанд.

# Бозёфтҳои асосӣ

## Ҷойивазкунии маъюбӣ ва зӯроварӣ

Бисёре аз иштирокчиёни таҳқиқот дар заминаҳои мушкилоти иқтисодӣ ва инфрасохтори номустаҳкам зиндагӣ мекунанд. Умуман, иштирокчиён дар бораи сатҳи пасти маълумот, шуғли ғайрирасмӣ ё бекорӣ гузориш доданд. Аксари иштирокчиён дар бораи нуқсонҳои ҷисмонӣ гузориш доданд, ки он ҳаракати инфиродиро маҳдуд мекунад.

Таҳқиқот тамоюли нигаронкунандаи хушунат алайҳи занон ва духтарони дорои имкониятҳои маҳдудро, ки аз ҷониби мардон ва занони аъзои хонавода, шавҳарон, хешовандон ва мардони дигар дар ҷамоатҳои мақсаднок нишон медиҳад. Иштирокунандагони тамоми гурӯҳҳо, алалхусус аз осебпазирӣ ва хушунат алайҳи духтарон ва занон, ки рӯҳан заиф ҳастанд, изҳори нигаронӣ намуданд. Волидони духтарони дорои имкониятҳои маҳдуд аз ояндаи духтарони худ ва таҳдиди зӯроварии ҷинсӣ дар ҳаросанд.

> ***“Ман барои духтарам бисёр метарсам. Ӯ дар ҷойгаҳ ҳаст ва бе кӯмак ҳаракат карда наметавонад. Ман ӯро ҳатто бо мардони аъзои хонавода низ танҳо намегузорам. Барои ҳамин ман тарси даҳшатноке дорам. Ман худамро ҳеҷ гоҳ намебахшам, агар ба ӯ чизе рух диҳад. Ман метарсам, ки ба ӯ чи хоҳад шуд?”***
>
> **Иштирокчӣ аз байни занони калонсоле, ки кӯдакони имконияташон маҳдуд доранд, сокини шаҳри А**[4]

Умуман, занони дорои имкониятҳои маҳдуди шавҳардор ҳангоми дучор шудан ба таҳқири хонаводагӣ берун аз наздикони хонавода ба ҳеҷ кас муроҷиат намекунанд. Бо сабаби дидани осеб ва вобастаии зиёд аз тарафи аъзои хонавода онҳо бештар хушунат ва зӯроварииро таҳаммул мекунанд. Бо мақсади риояи меъёрҳои иҷтимоии муқарраршуда дар бораи ақди никоҳ ва эҳтироми хешовандони шавҳар, занони дорои имкониятҳои маҳдуд мекӯшанд ин муқароротро риоя намоянд, агарчанде, ки он ба саломатии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Дар мавридҳои хеле кам занони дорои имкониятҳои маҳдуд ба марди солим ба шавҳар мебароянд ва дучори хушунатҳои хонаводагӣ мешаванд. Мардони дорои имкониятҳои маҳдуд бо нақшҳои гендерӣ ва стериотип дар мавриди назорат болои занро мувофиқат мекунанд, ки ин ба онҳо хатар эҷод мекунад. Илова бар ин, агар ҷудо шаванд ҳам аз шавҳар ва хешовандонаш вобастагии молиявӣ доранд. Бинобар мавҷуд набудани ягон системаи кумакрасон онҳо маҷбур ҳастанд, ки хушунат ва ҳақоратро таҳаммул кунанд.

## Нанг марбут ва нотавонӣ

Доғдоркунии занон аксар вақт бо интизории иҷтимоии нақши зан дар хонавода ва тамаркуз ба зебогии ҷисмонӣ, бахусус барои духтарон ва занони бешавҳар вобастагӣ дорад. Одамони дорои имкониятҳои маҳдуд ҳамчун нотавон, вобаста аз дигарон, дар ҷомеа фарқ мекунанд. Доғдоркунӣ бо имкониятҳои маҳдуд дигар ҳувияти шахсии ин гурӯҳи одамонро аз байн мебарад ва онҳо худро танҳо одамони дорои имкониятҳои маҳдуд меҳисобанд. Дар ин замина, ин ба шаклҳои шадидтар оварда мерасонад: масалан мардону занони дорои имкониятҳои маҳдудро аз ҳуқуқ ба таҳсил, шуғл, интихоби зиндагии шахсӣ, издивоҷ, таваллуд ва тарбияи фарзанд низ маҳрум мекунад. Дар байни иштирокчиёни таҳқиқот, аксар вақт шаклҳои гуногуни доғдоркунӣ ва табъиз ба назар мерасид. Доғдоркунии иҷтимоӣ аксар вақт ба доғдоркунӣ  дар хонавода ва баъдан дар ҷомеа оварда мерасонад.

> ***“Баъзе одамон ҳатто номи маро бар забон намеоваранд. Вақте, ки онҳо дар бораи ман ҳарф мезананд, онҳо мегӯянд: “ин духтари маъюб”, “ин духтари мариз”. Маъюбият ягона чизе нест, ки ман дорам, ман ҳам ном дорам.”***
>
> **Зани ҷавони дорои имкониятҳои маҳдуд, сокини шаҳри С**

Мувофиқи маълумоти иштироккунандагон, занони дорои имкониятҳои маҳдуд дар муқоиса бо мардони дорои имкониятҳои маҳдуд имконияти издивоҷ бо мардони солимро камтар доранд. Аммо мардони дорои имкониятҳои маҳдуд аксар бо занони солим издивоҷ мекунанд. Дар асл, волидони мардони дорои имкониятҳои маҳдуд метавонанд талаб кунанд, ки келинашон дорои

имкониятҳои маҳдуд набошад. Ин ба нақшҳои анъанавии нигоҳубини зан дар ҷомеаи Тоҷикистон марбут ҳаст, ки дар он занон дар тоза кардани хона, пухтупаз ва хидмат ба шавҳар ва оилаи ӯ мувоззаф ҳастанд.

Мардони дорои имкониятҳои маҳдуд аксар вақт дар натиҷаи меъёрҳои гегемонии мардона доғдор мешаванд. Дар Тоҷикистон, ин меъёрҳо вазифаи асосии мардро муайян мекунанд ва таъмини хонавода ва ҳимояи онҳо аз ҳама гуна таҳдидҳои беруна вазифаи мард ҳаст. Бисёр мардони дорои имкониятҳои маҳдуд доғи иҷтимоиро ошкор намекунанд ва ин амал онҳоро ба афсурдагӣ ва изтироб оварда мерасонад.

## Бунбасти иҷтимоӣ, танҳоӣ ва дастрасӣ ба хизматрасониҳо

Иштирокчиён (занҳои дорои имкониятҳои маҳдуд) ё модарони кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд худро дар бунбасти иҷтимоӣва танҳо ҳис мекунанд. Омилҳои бунбасти иҷтимоӣ маҳдудиятҳои ҳаракати ҷисмониро бо сабаби инфрасохтори номукаммал ва нақлиёт, эҳтиёҷ ба ҳамроҳ (ки бори гарони аъзои хонавода мегардад), зарурати нигоҳубини кӯдаки дорои имкониятҳои маҳдуд (барои модарони волидайн), беэътиноии иҷтимоӣ аз тарафи аъзои хонавода, доғдоркунӣ, меъёрҳои гендерӣ, маҳдудсозии иҷтимоӣ ва зудҳаракатии занон ва ҳабси дар хонаро (аз ҷониби аъзои хонавода) дар бар мегирад.

Модарони кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд,  инчунин аз сабаби маҳдуд будани қобилияти ҳаракат, вобаста ба ӯҳдадориҳо ва парастории доимӣ ба танҳоӣ ва бунбасти иҷтимоӣ дучор мешаванд, ки ин ҳам ба вазъи  хонавода  ва намудҳои ихтилофе, ки кӯдакон  дар онҳо зиндагӣ мекунанд, вобаста аст. Дар ҳар се шаҳр, баъзе модарон ассотсиатсияҳо ва гурӯҳҳоро ташкил кардаанд, ки тавассути онҳо метавонанд дар бораи шароити кӯдакони дорои имконияти маҳдуди худ ва роҳҳои дастгирии онҳо маълумот гирифта, бо ҳамтоёни худ мубодилаи афкор намоянд. Аммо, иштирок дар гурӯҳҳо на ҳама вақт имконпазир аст, чунки онҳо барои иҷрои корҳои хона маъсул ҳастанд, шавҳар ва ё хонаводаи шавҳар рафтори онҳоро назорат мекунанд.

Иштирокчиёни таҳқиқот якчанд монеаҳоро барои дастрасӣ ба хидматрасониҳои асосиро ёдовар шуданд. Бо назардошти қоидаҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ оид ба гирифтани имтиёзҳои иҷтимоӣ ба шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд, сабти расмии имкониятҳои маҳдуд тавассути муоинаи тиббӣ ва пешниҳоди хулосаҳои хаттии тиббӣ зарур ҳаст. Намудҳои хизматрасониҳо кӯмакпулии хурди ҳармоҳа, муоинаи ройгони тиббӣ, пардохтҳои хурди хизматрасониҳои коммуналӣ, квота барои ҷавонписарон ва занони дорои имкониятҳои маҳдуд, барои гирифтани маълумоти олӣ ва дигар имтиезхоро дар бар мегиранд. Гарчанде ки раванди бақайдгирӣ барои аксарияти одамони дорои имкониятҳои маҳдуд низ мушкилотҳои худро дорад, ҳатто барои онҳое, ки ҳуҷҷатҳои лозима низ доранд, бо дигар душвориҳои хоси худ дучор меоянд.

> ***“Ман нуқсонии биноӣ дорам ва доимо ба кӯмаки дигарон ниёз дорам. Ман ҳатто барои гирифтани нафақаи ҳармоҳа аз дастгоҳи пулгирӣ рафта имконият надорам. Бинобар ин ман маҷбур ҳастам, ки, барои гирифтани пулам ба касе муроҷиат намоям ва рақами махфиро ба ӯ диҳам.”***
>
> **Пусухдиҳанда зани калонсоли дорои имконияти маҳдуд, сокини шаҳри А**

## Модароне, ки кӯдаки дорои имконияти маҳдуд доранд

Заноне, ки кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдудро таваллуд мекунанд, дар тули таҷрибаи модарӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ба мушкилотҳои ба худ хос дучор мешаванд. Таҷрибаи тарбияи кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд, махсусан духтарон, осебпазирии занони тоҷикро зиёд мекунад; аз ин рӯ, эҳтимолияти шаклҳои гуногуни хушунат нисбати онҳо афзоиш меёбад. Дар қаринае, ки дар он занон ҳамчун “зарфҳои насл” ба ҳисоб мераванд, ҳангоми иҷро намудани ин амал хушунат, зуроварӣ ва партофтани онҳо аз эҳтимол дур нест. Модарони кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд шаклҳои гуногуни таҳқир ва алоқамандиро паси сар мекунанд ва то андозае шаклҳои мухталифи имкониятҳо маҳдудро бо фарзандони худ мубодила мекунанд. Мувофиқи маълумоти таҳқиқот, занон пеш аз ҳама барои нигоҳбинӣ кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд айбдор мешаванд ва танҳо барои ин кор маъсуланд.

> ***“Ман ба яке аз хешонам ба шавҳар баромадам ва ҳар ду фарзанди ман аз нури чашм маҳрум ҳастанд ва инчунини дигар гап зада наметавонанд. Хешонам маро маҷбуран аз хона пеш карданд. Модарам низ касалиҳои рӯҳӣ дорад. Ман дар хонаи волидайнам низ бисёр мушкилот доштам. Ман илоҷи дигар надоштам ва зани дуюми як мард гаштам, ки ӯ пули хонаи иҷораро медиҳад ва кӯдаконамро низ нигоҳбинӣ мекунад. Фарзандонам рӯзи дароз дар хона ҳастанд. Ман ҳатто бо онҳо ба кӯча баромада наметавонам.”***
>
> **Пусухдиҳанда аз байни занони ҷавоне, ки кӯдакони имконияташон маҳдуд доранд, сокини шаҳри В**

# Муқоиса дар маҳалҳои гуногуни ҷуғрофӣ

Маҳалҳои гуногуни таҳқиқот бо мақсади ҷамъоварии таҷрибаҳои мухталифи одамони дорои имкониятҳои маҳдуд ва занҳое, ки чунин кӯдаконро тарбия мекунанд интихоб карда шуданд. Дар умум, сарфи назар аз фарқияти муқоисавии дастрасӣ ба намудҳои хизматрасониҳо ва дигар нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, тафовути гендерӣ, марбут ба одамони дорои имкониятҳои маҳдуд хушунат алайҳи занон ва духтарон дар ҳар се шаҳр ба таври назаррас мушоҳида мешавад.

Дар шаҳри **Душанбе** иштирокчиёни таҳқиқот, ки худашон имкониятҳои маҳдуд доранд ва ё волидони кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд мебошанд дар бораи ҳуқуқҳои худ, хидматҳои мавҷудаи давлатӣ, ки аз ҷониби давлат маблағгузорӣ мешаванд бештар шинос ҳастанд. Илова бар ин, дар бораи маблағҳое, ки тавассути сармоягузорон ва созмонҳои байналмилалӣ маблағгузорӣ мешавад ва бо меъёрҳои қонунгузорӣ ва сиёсатҳои марбут ба одамони дорои имкониятҳои маҳдуд маълумот доранд. Инчунин дигар, бо сабаби беҳтар будани вазъи умумии иқтисодии шаҳр онҳо аз имкониятҳои иқтисодӣ, аз ҷумла дастрасӣ ба маълумоти олӣ ва шуғли расмӣ нисбатан бехтар баҳравар ҳастанд. Рушди инфрасохтор дар шаҳри Душанбе дар солҳои охир маънои онро дорад, ки одамони дорои имкониятҳои маҳдуд дар муқоиса бо шаҳри Бохтар ва Хоруғ ба нақлиёт дастрасии беҳтар доранд, ки зудҳаракатии онҳоро зиёд мекунад.

Аммо, бо мавҷудияти имкониятҳои нисбатан беҳтар, дар шаҳри Душанбе низ поймолкунии ҳуқуқ, хушунат ва зӯроварӣ нисбати одамони дорои имкониятҳои маҳдуд боқӣ мемонад.

Шаҳри **Хоруғ** ва дар маҷмӯъ ВМКБ, аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дар бунбасти ҷуғрофӣ ҷой дорад, аз иқдомҳо дар самти пешгири намудани хушунат алайҳи занон, киаз ҷониби донорҳои байналмилалӣ маблағгузори мешаванд камтар баҳравар мебошад. Бо сабаби бунбасти ҷуғрофӣ ва масоилҳои сиёсӣ ба минтақа, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар самти зӯроварии хонаводагӣ ва дигар мавзуҳои ҳамсон ҳамаҷониба таҳқиқ  нашудааст. Дар байни ҷонибҳои манфиатдори миллӣ ва байналмилалӣ як тасаввуроти нодуруст мавҷуд аст, ки дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар муқоиса бо дигар минтақаҳои Тоҷикистон зӯроварӣ дар хонавода ва мавзӯҳои ҳамсон бо сабаби мавчудияти муносибати нисбатан либералӣ, кам ба назар мерасад. Бо вуҷуди мустақилияти баландтари молиявӣ ва дастрасии таҳсилот барои занону духтарон дар ВМКБ, меъёрҳо ва нақшҳои патриархалии гендерӣ (мардсолорӣ) дар минтақа мустаҳкам боқӣ монда, дар сатҳи ҷомеа ба  шарафи мардон робита дорад. Дар муқоиса бо дигар маконҳои таҳқиқотӣ, иштирокчиёни таҳқиқот дар шаҳри Хоруғ аз ифшои фишори иҷтимоӣ ва хатари шинохтанашон бештар дар мавриди зӯроварӣ ва муҳокима кардани доғдоркунӣ вобаста ба имкониятҳои маҳдуд худдорӣ мекарданд.Бо сабаби набудани хадамоти муносиби тандурустӣ, нақлиёт ва инфрасохтор таҷрибаи душвори занону духтарони дорои имкониятҳои маҳдуд дар шаҳри Хоруғ зиёдтар ба назар мерасад ва бекорӣ дар сатҳи баланд қарор дорад. Дар шаҳри Хоруғ, занону духтарони дорои имкониятҳои маҳдуд ва волидайни кӯдакони дорои имконитҳои маҳдуд аз ҷониби аъзои хонаводаи худ сатҳи баланди дастгирии молиявӣ, равонӣ ва эҳсоссотӣ қарор гирифтаанд; доғи нанг дар атрофи заноне, ки аз шавҳаронашон ҷудо шуда ба хонаи волидони худ бармегарданд мисли шаҳрҳои Бохтар ва Душанбе он қадар пурқувват нест. Баръакси шаҳрҳои Бохтар ва Душанбе, ҳамаи занҳои мусоҳибашуда, ки кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдудро тарбия мекунанд, дар издивоҷ монданд, аммо ин ҳолати оилавӣ маънои онро надорад, ки онҳо аз дастгирии ҳамсарон дар нигоҳубини кӯдакон бархурдор ҳастанд. Нақши нигоҳубини кудак мисли дигар қисматҳои Тоҷикистон бо нақши гендерии занон зич алоқаманд аст.

Дар муқоиса бо дигар маконҳои таҳқиқотӣ, бахусус Бохтар ва каме шаҳри Душанбе, таъмини хонавода аз ҷиҳати молиявӣ танҳои вазифаи мардон нест. Ҳамин тариқ, илова ба нақши нигоҳубин ва корҳои хона, интизори онанд, ки занон дар шаҳри  Хоруғ ба буҷаи хонавода  аз ҷиҳати молиявӣ саҳм гузоранд, ки ин вазъияти мушкили занонро дучанд мефзояд.

Сатҳи зӯроварӣ вобаста ба имкониятҳои маҳдуди занон ва духтарон дар **Бохтар** нисбат ба шаҳрҳои Душанбе ва Хоруғ баландтар ва шадидтар ҳаст. Нишондоди зӯроварӣ нисбат ба занони издивоҷшуда, ки ҳамеша аз тарафи шавҳаронашон зуроварии ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, ё эҳсосотиро аз сар мегузаронанд дар вилояти Хатлон бештар ба назар мерасад. Тибқи маълумоти иштирокчиёни мусоҳиба аз шаҳри Бохтар, хушунат алайҳи занони дорои имкониятҳои маҳдуд ё модари кудакони дорои имкониятҳои маҳдуд сабаби ҷудошавии хонавода мегардад. Бо сабаби амнияти иқтисодӣ аз чаҳор зани мусоҳибашуда ду зан маҷбур шуданд, ки зани дуюм шаванд, то ки худ ва фарзандонашонро аз хушунат дар ҷомеа паноҳ кунанд.

Барои мардон доғи нанг афсурдагӣаз  набудани имкониятҳо барои иҷрои нақши онҳо ҳамчун сарпарасти хонавода вобастагӣ дорад. Ба истиснои шаҳри Хоруғ, иштирокчиёни мусоҳиба дар байни мардон ва занони синну соли гуногун дар мавриди тақсимоти қатъии ӯҳдадориҳо, мардон барои беҳбудии молияви хонавода комилан ҷавобгар мебошанд. Ҳамин тариқ, мардони дорои имкониятҳои маҳдуди шадид бояд хонаводаҳои худро таввасути гадоӣ ва бозорнишинӣ ҳам бошад таъмин намоянд.

Дастрасӣ ба хизматрасониҳо барои мардон ва занони дорои имкониятҳои маҳдуд мувофиқ нест. Инчунини дигар, набудани нақлиёт ва инфрасохтори дахлдор барои ҳаракат ва фарогирии одамони дорои имкониятҳои маҳдуд монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунад. Дар муқоиса, бо шаҳри Хоруғ, як қатор корҳо оид ба пешгирии хушунат алайҳи занон, ки аз ҷониби донорҳои байналмиллалӣ барои занону духтарон маблағгузорӣ мешаванд дар шаҳри Бохтар мавҷуданд. Ҳамин тавр, динамика ва таҷрибаҳои ҳамсон, гузоришҳо ва маълумотҳо дар шаҳри Бохтар бештар дастрасанд.

# Хулоса

Таҳқиқот ҳамбастагии мустаҳкам байни одамони дорои имкониятҳои маҳдуд ва хушунат алайҳи занон ва духтароне, ки фарзандони дорои имкониятҳои маҳдуд мебошанд, нишон медиҳад. Барои мутобиқат бо меъёрҳои иҷтимоии қабулшуда дар бораи издивоҷ ва эҳтиром ба аъзои хонаводаи шавҳар, занони дорои имкониятҳои маҳдуд мекӯшанд тамоми ӯҳдадориҳое, ки ба занҳои солим пешбинӣ шудаанд ва ба саломатии занони дорои имкониятҳои маҳдуд таъсири манфӣ мерасонанд ба дӯш гиранд. Занҳои ҷавони дорои имкониятҳои маҳдуд мувофиқи меъёрҳо ва интизориҳои қатъии патриархалии гендерӣ эҳтимолияти ками издивоҷро доранд. Бунбасти иҷтимоии занони дорои имкониятҳои маҳдуд ва модарони кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд дар ҳама маҳалҳои ҳамсон ҳаст. Бунбасти иҷтимоӣ таҳсилот, шуғл ва ҳаёти шахсии ҷавонзанонро маҳдуд мекунад ва дар натиҷа онҳо худро танҳо, нобакор ва ноумед ҳис мекунад.

Модарони кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ҳангоми дучоршавӣ ба душвориҳои рӯзмарра ва табъиз дар мавриди фаро гирифтани таҳсилу нигоҳдории фарзандон худ изтироб, афсурдагӣ ва ноумедиро эҳсос мекунанд.

Мақсади таҳқиқот зуоварӣ алайҳи занон буд, аммо ҳангоми мусоҳиба бо мардон як қатор масъалаҳои марбут ба мардонагӣ ва имкониятҳои маҳдуди мардон, доғдоркунӣ ва табъиз низ ба миён омаданд. Доғдоркунии иҷтимоии мардони дорои имкониятҳои маҳдуд онҳоро ба афсурдагӣ ва  изтироб меоварад. Мардоне, ки  имконияти маҳдуд доранд ва ё кудакони дороиимкониятҳои маҳдудро парасторӣ мекунанд  дар бораи ҳаёти шахсии худ ва табъиз нисбати хеш озодона сӯҳбат накарданд. Дар ин замина, мардони тоҷик маҷбуранд, киҳангоми дучор шудан ба доғдоркунӣ ва табъиз хомуш бошанд.

Вобаста ба хулосаҳои таҳқиқот тавсияҳои зерин пешкаш мегардандиқдомҳо дар самти пешгирӣ намудани хушунат алайҳи занон мутобиқи қаринаҳои ҷуғрофӣ ва фарҳангӣ тарҳрезӣ ва амалӣ шаванд,  таҳқиқоти бештар бо мақсадиамиқтар омӯхтани масъалаи ҳамбастагӣ, зӯровари нисбатизанон ва духтарон ва меъёрҳои мардона ба роҳ монда шаванд, то ки барои иқдомҳо дар самти пешгирӣ намудани хушунат алайҳи занон замина ва далелҳо фароҳам

оваранд, ба эътибор гирифтани талаботи махсуси занон ва модарони кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд дар мавриди амалӣ намудани барномаҳо  дар самти пешгирии хушунат, ба мисоли дастрасӣ ба нақлиёт ва нигоҳубини кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд ба назар гирифта шавад.

# Endnotes

1 Тадқиқоти тиббӣ- демографии соли 2017, Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan, Ministry of Health Tajikistan and ICF, Tajikistan demographic and health survey 2017, Dushanbe and Maryland, 2018, https://www.dhsprogram.com/pubs/pdf/FR341/FR341.pdf

2 ТҶ “Ғамхори”дар шахри Бохтар, ТҶ “Рузбеҳ” дар шаҳри Хоруғ ва ТҶ “Нурбахш” дар шаҳри Душанбе

3 Ҷадвали баҳодиҳии одамони дорои имкониятҳои маҳдуди Ташкилоти умуҷаҳонии тандурустӣ , “WHO Disability Assessment Schedule 2.0 (WHODAS 2.0),” WHO, accessed July 11, 2019, http://www.who.int/classifications/icf/whodasii/en/.

4 Бо масади хифзи маълумоти шахсии иштироккунандагони тадқиқот, махалли чойгиршави ва ё маълумоти дигари шахсии иштироккунандгон махфӣ нишоҳ дошта мешавад.

**International Alert**
346 Clapham Road, London, SW9 9AP, United Kingdom
**Tel** +44 (0)20 7627 6800 **Fax** +44 (0)20 7627 6900
info@international-alert.org
**www.international-alert.org**

Registered charity no. 327553

/InternationalAlert @intalert